# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Муродова Нигина Сулаймоновна дар мавзуи “Масъалаҳои модернизатсияи сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: хусусиятҳои асосӣ, шаклҳои амалишавӣ ва натиҷаҳои он”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ**

Дар замони муосир масъалаи тадқиқи рушди сиёсӣ ва тағйирпазирии системаи сиёсӣ дар кишварҳои мухталифи олам диққати хосаеро ба худ ҷалб намудаанд. Зеро равандҳои глобалӣ ва босуръати технологияву иттилоот ба ташаккули низоми ҷамъиятию сиёсӣ таъсир расонида, фаъолияти босамари онро дигаргун месозад. Кишварҳо кӯшиши тағйири системаи сиёсиро баҳри таъмини субот ва устувории низоми давлатдорӣ қабул намуда, тарҳҳои нави инкишофи сиёсиро тавлид месозанд, ки аз назарияи илмӣ дар тафовут қарор дорад. Аз ин рӯ, Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар солҳои соҳибистиқлолӣ тавонист, ки вобаста ба ҷараёни тағйироти ҷаҳонӣ шакли мақбули рушди сиёсии худро дар қатори кишварҳои дигари олам пайдо намояд. Албатта, чунин ҳолати инкишофи сиёсӣ ба таҳқиқи илмӣ ниёз дорад. Диссертатсияи Н.С. Муродова дар мавзуи “Масъалаҳои модернизатсияи сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: хусусиятҳои асосӣ, шаклҳои амалишавӣ ва натиҷаҳои он” яке аз чунин тадқиқоти муҳими назариявӣ мебошад, ки кӯшиши таҳлили холати рушди Тоҷикистонро дар муқоиса бо таърихи сиёсии кишвар ва комёбиҳои замони муосир дорад. Диссертатсияи Муродова Н.С. аз сарсухан, се боб, нуҳ параграф, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, дар ҳаҷми 313 саҳифаи матни чопӣ иҷро шудааст.

Дар сарсухан унвонҷӯй тавонистааст, ки муҳимияти мавзуъ ва дарки назариявию воқеии онро дар инкишофи ҷомеаи муосир, нақш ва мақоми институтҳои сиёсӣ дар раванди гузариш аз ҷомеаи анъанавӣ ба ҷомеаи муосир дар Тоҷикистон муайян намуда, моҳият, қонуниятҳои инкишоф ва махсусиятҳои эволютсионии роҳҳо ва заминаҳои рушди ҳозира ва

минбаъдаи Тоҷикистонро аз нигоҳи илмҳои сиёсӣ таҳлил созад. Дараҷаи коркарди мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои тадқиқот, навгонии тадқиқот, аҳамияти назариявию амалии тадқиқот, методи тадқиқот ва дигар унсурҳои сохтории диссертатсия дар навиштани кори илмӣ ба инобат гирифта шуданд, ки шакл ва мазмуни рисоларо пурра месозанд (с. 4-24).

Дар боби якум - «Асосҳои назариявию методологии тадқиқи модернизатсияи системаи сиёсии ҷомеаи гузаришӣ», ки аз се зербоб иборат мебошад, муаллиф оид ба масъалаҳои назариявию методологии тадқиқи модернизатсияи сиёсӣ ва омилҳои бунёдгароии таълимоти модернизатсияи сиёсӣ андешаҳоро иброз намуда, мавқеи таълимоти мазкурро дар пайдоиш ва ташаккули таълимотҳои дигари илмӣ ошкор месозад. Ӯ қайд мекунад, ки таълимоти модернизатсияи сиёсӣ ҳамчун назария бо мақсади омӯзонидан ва истифодаи инкишофи сиёсии кишварҳои Аврупои Ғарбӣ ва Амрико тавлид ёфта, мақсади паҳн намудани либерализм ва демократияро дар кишварҳои олами сеюм доштааст. Дар раванди тадқиқ нуқтаи назари унвонҷӯй оид ба ҳамгироӣ ва ҳамбастагии раванди анъанавӣ бо муосиршавии системаи сиёсӣ ба назар мерасад, хело ҷолиб аст. Он дар назарияи эндогении рушди кишварҳо ба назаррас мебошад, ки арзишҳои диниву анъанавӣ ба системаи сиёсӣ ба воситаи қабули санадҳои ҳуқуқиву меъёрӣ ворид гардида ҳамоҳангии ду ҷараёни инкишофро таъмин мекунанд. Зиддият ва муқовиматҳои арзишҳои анъанавию муосир, кӯҳна ва нав дар системаи сиёсии ҷомеаи гузаришӣ чун бухронҳои модернизатсионӣ ошкор шуданд, ки ба қавли унвонҷӯй қонунияти ислоҳталаб ва тағйирпазири ҷомеа ба шумор мераванд (с. 93).

Боби дуюми диссертатсия «Хусусиятҳо ва унсурҳои асосии модернизатсияи системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном дорад ва аз се зербоб иборат аст. Боби мазкур ба тадқиқи ташаккул ва инкишофи модернизатсияи системаи сиёсии Тоҷикистон, рафти тағйирпазирии

сиёсии ҷомеа ва натиҷаҳои амалии он бахшида шудааст. Унвонҷӯй дар диссертатсия се давраи таҳаввулпазирии ҷомеаи тоҷикистониро дар таърихи сиёсӣ маълум мекунад, ки он чунин аст: аз давлатдории Сомониён сар карда, то барқароршавии Ҳокимияти шуравӣ, давраи шӯравӣ ва замони истиқлолият. Ду давраи модерникунонии низоми сиёсӣ дар раванди сиёсии Тоҷикистон вуҷуд дорад, ки ба замони шӯравӣ ва соҳибистиқлолии кишвар рост меояд. Дар боби мазкур таҳлили комёбиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии Тоҷикистони муосир бо ҳолатҳои замони тодемократии он таҳлил меёбад. Таҳлили муқоисавии системаи интихобот бо вазъи пешинаи советии он, таъсиси институти парламентӣ, механизмҳои идорӣ, ислоҳоти конститутсионӣ ва ғайра аз ҷониби рисоланавис мавриди омӯзиш қарор гирифтанд. Асоси сиёсати модерникунонии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироти сиёсии кишвар (ташаккули парламент ва институти президентӣ, принсипи тақсимоти ҳокимият, системаҳои интихоботӣ ва ҳизбӣ), афзалиятҳои рушди иқтисодӣ (гузариши кишвар ба иқтисоди бозорӣ, пайдоиши намудҳои гуногуни моликият), ташаккули муколамаи оммавӣ бо мақомот (ташаккули ҳукумати электронӣ), эҳёи фарҳанги анъанавӣ ва миллӣ, ташаккули самаранок ҳамкории байналмилалӣ, таъмини амнияти идеологӣ, сиёсӣ ва ғайра мебошад, дар кори диссертатсионӣ либоси илмӣ пӯшидааст (с. 155-177).

Боби сеюми диссертатсия ба «Масъалаҳои баҳамтаъсиррасонӣ ва ҳамоҳангии институтҳои ҷомеаи маданӣ ва давлати иҷтимоӣ дар раванди модернизатсияи сиёсӣ» бахшида шудааст, ки аз се боб иборат мебошад ва хосияти муҳимро дар ҷараёни тадқиқи равандҳои сиёсии Тоҷикистони муосир ва ҳамбастагии он бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ соҳиб мебошад. Институҳои ҷомеаи маданӣ ба мисли ҳизбҳои сиёсӣ, худидоракунии маҳаллӣ, иттифоқҳои касаба, созмонҳои ғайридавлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ВАО, ҷунбишҳои иҷтимоӣ ва экспертҳо дар

раванди модернизатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми махсусро соҳиб буда дар асоси робита ва ҳамкории гурӯҳҳои иҷтимоӣ бо мақсади созмон додани мавзунияти муносибатҳои ҷамъиятӣ амал мекунад. Масъалаи ташкил ва баамалбарории сиёсати иҷтимоӣ кишвар бо пайвандии робитаҳо бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ хело муҳим мебошад, ки дар рисолаи мазкур аз нигоҳи илмӣ тахлил ёфтааст. Унвонҷӯй Муродова Н.С. нақши ниҳодҳои ҷомеаи маданиро дар ташаккули равандҳои демократӣ ошкор мекунад ва махсусан ба мақоми ҳизбҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва воситаҳои ахбори омма диққат дода мешавад (с. 229-247).

Дар қисмати "Баррасии натиҷаҳо" Муродова Н.С. дар асоси тадқиқи назария ва амалияи ташаккул ва бунёди ҷомеаи муосир хусусияти асосии консепсияи модернизатсияи сиёсиро маълум месозад. Муқоисаи маълумоти дарёфтнамудаи муаллифи диссертатсия бо натиҷаҳои тадқиқоти муаллифони дигар ва консепсияҳои илмии муосири омӯхташуда ва маълум намудани хусусиятҳои яке аз онҳо бо маълумоти муаллиф дар кори диссертатсионӣ тавзеҳ дода шудааст. Ба андешаи унвонҷӯй модернизатсияи сиёсӣ ҳамчун консепсияи муосири инкишофи ҷомеаи инсонӣ таҷдиди низоми воқеии тағйирпазирии иҷтимоиро дорад. Ҳолати мазкур дар низоми фарҳангӣ, одатҳои миллӣ, ғояҳои ахлоқӣ ва менталитети мардуми минтақаҳои алоҳида ва умумиятҳои гуногуни миллию этникӣ ифода мегардад (с. 248-256).

Дар интиҳои кори диссертатсионӣ натиҷаҳои асосии илмӣ ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии он оварда шудааст, ки сатҳи зарурии касбияти муҳаққиқро дар тадқиқи ҳамаҷонибаи масъалаи модернизатсияи сиёсӣ ошкор сохта, тартиби ҳалли онҳо аҳамияти муҳимро пайдо мекунад. Дар хулосаи кори диссертатсионӣ Н.С. Муродова мақсади вопасини модернизатсияи сиёсӣ ва демократикунониро бо ташаккул ва пиёдагардонии демократия чун низоми идораи ҷомеа арзёбӣ менамояд. Ӯ

қайд мекунад, ки “Дар навбати худ мафҳуми модернизатсияи сиёсӣ нисбат ба демократикунонии ҷомеа васеътар мебошад, зеро он бо баробари ташаккули сохтори институтсионалии ҷомеа, ивазшавии хосиятҳои низом, инчунин бо шароити амиқи таърихӣ ва тамоюлҳои асосии рушди ҷаҳонӣ пайваста аст. Модернизатсияи сиёсӣ дар ин ҷода бо модернизатсияи иқтисодӣ, фарҳангиву иҷтимоӣ алоқамандӣ дорад ва тавассути дигаргуншавии инфирод ва ҷомеа амалӣ мешавад” (с. 258).

Рисола аз нигоҳи илмӣ ғанӣ ва андешаҳои муаллиф мантиқан дуруст баён гардида, натиҷаҳо хулосагирӣ шудаанд. Хулосаҳои асосии кори диссертасионӣ аҳамияти амалиро метавонанд дар таҳким ва такмили рушди системаи сиёсӣ пайдо кунанд.

Рисолаи диссертатсионӣ маҳсули кори илмии мустақил ба ҳисоб рафта, ба талаботҳо оид ба диссертатсияҳо дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии доктори илм мувофиқ аст. Муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мебошад.

Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессори кафедраи ҳуқуқи судӣ
ва назорати прокурорӣ. З. Ҳ. Искандаров

734025, ҶТ, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17
ziskan@mail.ru тел. 918 61 40 75

Имзои З. Ҳ. Искандаров-ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва қисми махсуси ДМТ Э. Тавқиев